**Субҳон Ҳабибулло**

# Дили

# Гул

Душанбе
«Адиб»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
С – 91

Муҳаррир
*Гурез Сафар*

С-91 **Субҳон Ҳабибулло. Дили гул**
(шеърҳо ва ҳикояҳо барои кӯдакон). –
– Душанбе, «Адиб», 2010, 40 саҳ.

© Субҳон Ҳабибулло, 2010

*Китоб бо дастгирии Миралӣ Мирзоеви
ҳимматбаланд нашр шудааст.*

## МИРИ ЭҲСОН

*Ба шогирдам Миралӣ Мирзоев*

Мири хайру мири ҷуду мири эҳсон, Миралӣ,
Мири виҷдону садоқат, ҷону ҷонон, Миралӣ.

Мегазад ангушт Ҳотам аз сахоят гашта лол,
Як нафар фарзанди поки Тоҷикистон Миралӣ.

Ҳимматат карда шукуфон гӯшаҳои кишварам,
Ахтари тобандае аз мулки Хатлон Миралӣ.

Некиҳояш чун сахои офтоби нурпош,
Доимо монад ба олам нурафшон, Миралӣ.

Баҳри варзиш сохтӣ варзишгаҳе бар одамон,
Эй, туро бошад Худо ҳар ҷо нигаҳбон, Миралӣ.

Рӯзу шаб Субҳон зи дил дасти дуо бардошта:
«Бишканад дар ҳар ду олам ҷумла армон Миралӣ».

# ШЕЪРҲО

## ОЧАЮ ОЧАКАЛОН

Очаи очаи ман
Очакалон мешудаст,
Барои очаи ман
Очаи ҷон мешудаст.

Ба ҳам дилу ҷонастанд
Очаю очакалон.
Вале ҳарду баробар
Маро гӯянд дилу ҷон.

## БИЁ, ОБ НӮШ

Обаки шӯху зулол,
Медавад ҳамчу ғизол.
Овазаки шӯхи он
Хониши кабки ҳилол.
Ях барин дар тобистон.
Таъмаш чу нони ширмол.
Боре аз шаҳр, ҷӯраҷон,
Бе ягон фикру хаёл,
Биё, ба деҳаи мо,
Меҳмон бишав бемалол.
Ба чашми сар хоҳӣ дид,
Сабзидаам чун ниҳол.
Биё, нӯшу мисли ман
Шав ҷавони баркамол.

## ҶАҲОНАМ ДАНҒАРА

Водии овазадору пурсахоям Данғара,
Дашту саҳроят ҳама гулпӯш бошад яксара.
Себу ангуру анорат гашт машҳури ҷаҳон,
Чун биҳиште шаҳру деҳи ту бувад хушманзара.

Хоҷаи Балхию Мавлонои Кӯлак фахри ту,
Аз сахои шоҳӣ шуд атрофашон чун гулдара.
Ҳаст ҷорӣ Вахш чун шарёни хуни одамӣ,
Гар равӣ ҳар гӯшае, ояд садои шаршара.

Пои ту шуд оҳанину болу пар фӯлод гашт[1],
Ифтихорат гашт боло мисли кӯҳи Сарсара[2].
Неруи барқат бубахшад неру бар ҷисми Ватан,
Бо чунин нерӯ намегардем асло бефара.

Аз диёри файзбахшат сарваре озода руст,
Аз миёни ҷумла мулкон мулки мо гашта сара.
Эй, ки ҳастӣ аввалину охирин уммеди ман,
Бош ҷовид, то ҷаҳон бошад, ҷаҳонам Данғара.

## ОБАКИ ТОҲИР

Обаки Тоҳир,
На беқароре,
Сокиту ором
Ҷорист,ҷорӣ.

---

[1] Ишора ба сохта шудани роҳи оҳани паҳнбар ва майдони ҳавоӣ дар ноҳия.

[2] Сарсара ё Сарсарак – кӯҳест дар тарафи ғарбии ноҳия.

Дар фасли гармо
Макони хубе,
Моҳиаш бисёр,
Ҷои марғубе.

Ҷариҳои он
Пури паранда.
Камёб ҳам нест
Ҳар хел хазанда.

Аз соҳили ту,
Эй оби Тоҳир,
Мекунам парвоз
Монанди тойир.

## ФАХРАМ БА МОДАРИ ХЕШ

Чун пахта нарм бошад
Дастони нарми модар.
Чун нурҳои хуршед
Оғӯши гарми модар.

Ҳар кас чунин надорад
Дунёи меҳрпарвар.
Бӯи биҳишт дорад
Домони поки модар.

Фахрам ба модари хеш,
Ҷонам фидои модар.
Хам мекунам ҳамеша
Сар пеши пои модар.



## ТЕЛЕФОНИ ДАСТӢ

Дар талу кӯҳу дар дашт,
Дар хаму ғору дара,
Дар ҷангалу биёбон,
Хоҳ наздики шаршара.

Эй телефони дастӣ,
Ту ҷони одам астӣ.

Дилпур мезанам қадам
Бе ягон тарсу ҳарос.
Бо падару модарам
Ҳар лаҳзаам дар тамос.

Эй телефони дастӣ,
Ту ҷони одам астӣ.

## ЗАНБӮРИ АСАЛ

Ҳамаат асал,
Занбӯри асал,
Хонаи ту ҳаст
Пур-пури асал.

Асал – муми ту,
Асал – неши ту.
Фақат додан аст
Асал кеши ту.

Нӯши ту давост,
Заҳри ту асал.

Позаҳр ҳастӣ
Зидди ҳар касал.

Занбӯри асал,
Занбӯри асал.



## ҲИСОБИ БОЗӢ

Яку дую се,
Параю висӣ,
Ланка мебозанд
Қодиру Шамсӣ.

Мепаранд онҳо
Аз субҳ то шом.
Гӯё ин бозӣ
Надорад анҷом.

Ҳисоби бозӣ
Гарчи нахонанд,
Аҷибаш ин, ки
Бехато донанд.

## ОБАКИ ТОҲИРИ МАН

Аз ватани бобоён –
Аз кӯҳи Хоҷаи Нур,
Аз байни кӯҳи Намак
Ғелида, гардида шӯр.

Обаки Тоҳири ман,
Обаки Тоҳири ман.

Тобистон гашта камоб,
Баҳорон лаб ба лаб пур.
Гузаштан хавфе дорад,
Гар бошӣ мисли уштур.

Обаки Тоҳири ман,
Обаки Тоҳири ман.

Баҳри мани лабташна
Буд гаҳе об камёб,
Бо ҳама шӯрии худ
Будӣ ширинтарин об.

Обаки Тоҳири ман,
Обаки Тоҳири ман.

Бачагиам дар барат
Гузашта рафт бо шӯр,
Кунун калон шудам ман,
Аз ту розию масрур.

Обаки Тоҳири ман,
Обаки Тоҳири ман.

Омад оби Вахш, аммо
Аз ту намешавам дур.
Фаромӯшат гар кунам,
Намакат мекунад кӯр.

Обаки Тоҳири ман,
Обаки Тоҳири ман.

## ЧАХРЕСАК

Аз шохае ба шоха
Доимо дар даву так,
Гӯё, ки чарх мересад
Парандаи майдаяк.
Чархресак.

Ҷӯяд ҳар гуна кирмак
Байни шоху байни барг.
Суди калон расонад
Бо ҷуссаи майдаяк.
Чархресак.

## АФТИДАМ БА ПУШТ

Бо халачӯбам
Давондам харро,
Аз ҷӯи пуроб
Парондам харро.

Афсӯс, афсӯс,
Туқум будаст суст,
Аз болои хар
Афтидам ба пушт.



## СӮЗАНАК

Сӯзанак, эй сӯзанак,
Сӯзанаки беқарор.
Гарчи ҳастӣ чу сӯзан,
Вале туӣ беозор.

Мисли чархбол дар парвоз
Рӯ-рӯи обу қамиш.
Магар душман мекобӣ,
К-ин қадар дорӣ кӯшиш?

Сӯзанак, эҳтиёт шав
Аз бачаҳои гумроҳ!
Аз шӯхиҳои онҳо
Доимо бош огоҳ.

## ҲАМА НОМИ НАВ ГИРИФТ

Дар паҳнои хонадон,
Чун бӯи хуши баҳор,
Ин хушхабар бишуд паҳн,
Моро намуд беқарор.

Падарам бобо гардид,
Акоям бишуд падар.
Модарам шуд бибиҷон,
Янгаам гардид модар.

Бо ҳамин хурдсолиям
Ман ҳам гардидам амма.
Хусравҷон амак бишуд,
Номи нав гирифт ҳама.

## АЗ ХУНУКӢ МЕТАРСАД

Берун намебароям,
Ҳаво ниҳоят хунук.
Гирди сандалӣ шинам,
Ҷомаам бисёр тунук.

Бигзор, ки бачаҳо
Яхмолакбозӣ раванд,
Рӯзе ба сулфаву оҳ
Назди духтур медаванд.

Беҳуда ин писарча
Аз хунукӣ метарсад.
Зуком шуда ба гармӣ,
Дарақ-дарақ меларзад.

## МОЛИ РАВ

Фасли баҳор. Ин чӣ гап?
Маоси барраву буз
Ногаҳ ба гӯшам расид,
Ҳолӣ нагардида рӯз.

Давидаму бари роҳ
Моли рав дар раворав.
Бирав, бирав, моли рав,
Бедарду фарбеҳ бишав.

Овози ак-аки саг,
Расад садои ҳуштак,
Аз байни роҳи деҳа
Мегузашт рама лак-лак.

Таку так ба хар бору
Оила ба асп савор.
Аз ақиби гӯсфандон
Чӯпонамак раҳсипор.

Рама, туро интизор
Ҳавои нарму салқин.
Торону оби тарма,
Рафтан бувад арчи қин.

Чун тоза фарбеҳ гаштед,
Фаро расид тирамоҳ,
Нигарони шумоем
Чун баҳор дар қади роҳ.

## БОБОИ БАРФӢ

Ҳамранги фасли сол аст,
Сар то ба по сап-сафед.
Асою кулвор дорад
Дилошӯб ин мӯйсафед.

Кӯлвори ӯ пур аз бор –
Дар он бошад ҳама чиз.
Тӯҳфа баҳри бачаҳо
Қандеву туту мавиз...

Дӯсти ҷумла бачаҳо,
Бобои Барфии мо.
Шодию сурур орад
Ба ҳамаи хонаҳо.



## ЧӢ ЧОРА СОЗАМ?

Пуфу пуфу пуф,
Чӣ чора созам?
Дар намегирад
Алови очам.

Завола гирад
Чун очаҷонам,
Ҳезумро бояд
Ман даргиронам.

Гӯгирд шуд тамом,
Душвор шуд корам.
Ё ки мани гӯл
Ҳунар надорам?

Шуд кор осон,
Болид ҷонам.
Ба ёрӣ омад
Худ очаҷонам.

## ДОРБОЗ ОМАД

Ҷӯраҳо, ҳо ҷӯраҳо,
Берун бароед бо тоз,
Ба тамошо бароед,
Ба деҳа омад дорбоз.

Ин намоиши аҷиб
Будаст бемузду миннат.
Дар охир пул медодаст
Ҳар кас аз рӯи ҳиммат.

## МАҚСАДИ БОЗОРРАВӢ

Боз оварда зи бозор
Бобокалонам Саттор
Ҳандалаю тарбузу
Ангуру себу анор.

Боз овардан будааст
Маънии рафтан бозор.
Равӣ, холӣ барнагард,
Туро ҳастанд интизор.

## ДУНЁИ БАЧАҲО

*Ба муаллима Р.Шарифова*

Даҳ писару даҳ духтар,
Бист барраи бозингар.
Даҳ кокули парешон,
Чилто чашми дурахшон.

Рӯ ба рӯшон нишинам,
Ҳаловате бубинам.

Бист забону чилто гӯш,
Маро бурда ақлу ҳуш
Чилто чашми олуча,
Бисто рӯи чу кулча.

Рӯ ба рӯшон нишинам,
Ҳаловате бубинам.

Даҳто оҳуи тилло,
Даҳто тӯтии гӯё.
Даҳто кабки хиромон,
Даҳто булбули хушхон.

Рӯ ба рӯшон нишинам,
Ҳаловате бубинам.

Бист чӯҷа аз ҳар лона
Ҷамъ шуда дар як хона.
Даҳ духтар, даҳто бача,
Ҳама бача, ман оча.

Рӯ ба рӯшон нишинам,
Ҳаловате бубинам.

Масрур хонад бовиқор,
Пӯлод булбули тайёр.
Ширин ҳисоб зам кунад,
Маҳин аз он кам кунад.

Рӯ ба рӯшон нишинам,
Ҳаловате бубинам.

Аз саҳар то нимрӯзӣ
Корам сабақомӯзӣ.
Аз чунин бахту бозӣ
Бошам ҳамеша розӣ.

Рӯ ба рӯшон нишинам,
Ҳаловате бубинам.

Бо онҳо шодмон шавӣ,
Зиқ бошӣ, хандон шавӣ.
Гушна бошӣ, сер шавӣ,
Рӯбоҳ бошӣ, шер шавӣ.

Рӯ ба рӯшон нишинам,
Ҳаловате бубинам.

## ҲАЙРОНӢ

Фаҳмидам, ки анкабут
Ба тан ҳашто по доштаст,
Магасу мӯрчаҳоро
Ба таври худ медоштаст.

Ҳар куҷо, ки мехоҳад,
Метанад тӯри нақшин.
Як нӯгаш ба по баста,
Ҷо бигирад дар камин.

Бехабар ҳашароте
Ба тӯраш дар бимонад,
Ларзишу ҷунбиши он
Ба тортанак расонад.

Аз камингоҳ чаҳида,
Меравад сӯи тӯъма.
Афзуда тору пудаш,
Мекунад се-чор луқма.

Лекин аз ин ҳайронам –
Чӣ сон бо пои бисёр
Дар тӯри нақшу нигор
Худаш гардад беозор ?!

## АЗ КИТОБИ АЛИФБО

*Ба Маҳмадуллои Лутфулло*

Кӯр будам, гаштам бино
Аз китоби Алифбо.
Навиштану хонданро
Омӯхтам сар то ба по.

Алифбои бобомро
Агар касе бихонад,
Аз илму дониш асло
Бебаҳра намемонад.

Дар худ дорад ин китоб
Расми кӯҳу манзара.
Ҳайвону мӯру малах,
Оҳую дашту дара.

Ҳар чӣ хоҳӣ, меёбӣ
Аз китоби Алифбо
Вале наёбӣ чаро
Расми муаллифашро?

## БОҒИ БОБО

Вижу вижу виж –
Ҷунбонда мӯйлаб,
Нишаста занбӯр
Дар рӯи ангур,
Навозад танбӯр.

Қару шақу чик –
Зоғ, акка гунчишк,
Даф менавозанд
Бо ғавғою шӯр,
Оҳанги ноҷӯр.

Хишу хишу хиш –
Мӯру анкабут
Гамбӯсаки бӯр
Дар шохи дарахт,
Хобанд баҳузур.

Ғижу ғижу ғиж –
Бе тарсу ҳарос
Майнаи мағрур
Чун соҳиби боғ
Мехурад ангур.

Фашу фашу фаш –
Дар чаро ҳастанд,
Бузғолаю буз,
Говаки ало,
Мурғони Сабур.

Истода солор
Бобоям Мастур.
Лабханде дорад
Шодону масрур
Аз боғу роғаш, –
Ҳама дар боғаш.

# ҲИКОЯҲО

## ТАЪБИРИ ПАСВАНДИ «ЧА»

Сардори синф Рустам ба ҳамаи фаъолони синф хабар дод, ки баъди дарс ба ҳеҷ ҷо нараванд. Инак занг зада шуд. Дар синф танҳо фаъолон монданду халос. Рустам аз ҷо хеста бе муқаддима сухан сар кард:

– Бачаҳо, дар ҷамъомади имрӯзаамон рафтори ношоистаи ҳамсинфамон Ҳасанро муҳокима мекунем.

Бачаҳо ҳайрон шуда, ба ҷунбиш даромаданд. Кадоме аз онҳо ҳатто худро дошта натавониста, баланд хандид. Гап дар сари он, ки дар синф худи Ҳасан набуд,пас ин чӣ хел муҳокима мешудааст? Рустам, ки аз рӯи нақшаи пешакӣ тартиб додаи худ ҷамъомадро мегузаронд, бачаҳоро ба хомӯшӣ даъват намуда, суханашро давом дод.

– Ба ҳамаатон маълум аст, ки Ҳасанро борҳо дар маҷлисҳои синфамон муҳокима кардем, ҳатто расмашро дар рӯзномаи деворӣ баровардем. Тарки одат амри маҳол, гуфтагӣ барин, Ҳасан одати бади худро напартофт. Чӣ бояд кард, ки ӯ аз ин роҳи бад баргардад? Биёед, як бори дигар якҷоя фикр кунем. Шояд роҳи ислоҳ намудани ӯро ёбем.

Бачаҳо ҳар кадом ба андеша рафтанд. Ҳасан хонандаи аз ҳама сустхон ба ҳисоб мерафт. Ба замми ин хеле ҳавобаланду мағрур буда ба маслиҳату насиҳати касе гӯш намедод. Рӯзҳои охир одати баде пайдо кард. Дарсҳо дар синф-кабинетҳо мегузаштанд. Ҳасан дар кадом мизи синфе, ки менишаст, албата номи худро болои миз менавишт. Ҳатто калимаи «Ҳасан»-ро дар рӯи харакҳои саҳни мактаб ва дару деворҳо вохӯрдан мумкин буд. Насиҳату мӯҳокимаҳо ба Ҳасан таъсире намерасонд. Рафтори ношоистаи ӯ ғазаби ҳамсинфонашро меовард.

Мақсади ҷамъомади имрӯза ана, ҳамин масъала, яъне бо кадом восита Ҳасанро аз ин роҳи бад баргардонидан буд.

Сардори тозагии синф – Назар, бачаи хеле камгап, аммо файласуфнамо иҷозати сухан гуфтан гирифт:

– Ба ҳама номҳои навиштаи вай пасванди «ча» ҳамроҳ кардан лозим, – гуфт Назар ва ба ҷои худ нишаст.

Бачаҳо дар аввал аз суханони Назар чизеро сарфаҳм нарафтанд. Чун дурусттар фикр карданд, дар ҳақиқат фикри Назар ҷон доштааст. Ин кор бояд ба иззати нафси Ҳасан расад.

Бачаҳо ҳар куҷо, ки номи Ҳасанро мехонданд, ба он пасванди «ча»-ро ҳамроҳ мекарданд. Ҳамин тавр, Ҳасан ба Ҳасанча мубаддал мегашт. Баъди чанд рӯз мушоҳида карданд, ки навиштаҷот аз ҳама ҷо пок шудааст. Хонандагон номаълум ба ҳамдигар чашмак зада, зери лаб табассум мекарданд.

## ҲУҶУМИ ШАБОНА

(воқеа)

Харбузаю тарбузҳои полизи мо чунон пухта расиданд, ки даҳони бинанда кушода мемонад. Дар каппаи устувори байни палак падарам, Исмат-бобо ва ман шабу рӯз харбузаҳоро аз бачагони шӯху ҳайвонҳо посбонӣ мекардем.

Як пагоҳӣ маро овози баланд-баланд гап задани падараму Исмат-бобо аз хоб бедор кард. Чашмонамро кушода аз болои каппа ба таг нигоҳ кадаму ҳайрон мондам: Замини палакро ким-чӣ монанди трактор шудгор кардааст, тарбузҳои сурхи донсиёҳ реза-резаю палакҳо канда шудаанд. Падарам ва Исмат-бобо пораҳои тарбузро ба даст гирифта, афсусхӯрон вайронкоронро дашном медоданд.

Нисфишабӣ овозҳои аҷоиб маро аз хоб бедор кард. Дар маҳтобшаб селаи хӯкони ваҳширо дидам, ки амалиёти

дишабаи худро давом медоданд. Аз болои каппа бо таассуф ба вайронкорон чашм медӯхтем, аммо чӣ кор карданамонро намедонистем. Аз хашму ғазаб лаб мегазидему халос. Аз ҳама зиёдтар гурозе, ки шояд ба ҳама хукҳои дигар сардорӣ мекард, бо дандонҳои ашкаш заминро монанди трактор шудгор карда, палакҳоро бо тарбузҳояш аз як сӯ ба сӯи дигар ҳаво медод.

Чун аз ин харобкории худ онҳо фориғ шуданд, он хуки дандонкалон пеш-пешу дигар хукҳо аз қафо, монанди аскарони таҷовузкори дар ҷанг зафар ёфта бо ғурур қадам зада, аз назарҳо ғоиб шуданд.

Пагоҳӣ ин воқеа дар тамоми деҳа овоза шуд. Қодир, ки ҷавони ниҳоят ҳавобаланд буд, омада дар пеши падарам бо ман-манӣ хоҳиш кард, ки агар розӣ бошад, имшаб ӯ хукҳоро шикор мекунад. Падарам розӣ шуд.

Шаб ҳам фаро расид. Қодир дар кифт милтиқи шикорӣ бо дабдаба қадам зада, ба назди каппаи мо расида омад. Ӯ касеро ҳамроҳ нагирифта, яккаю танҳо ба сари замин рафта, дароз кашид. Посе аз шаб гузашта буд, ки як гурӯҳ хукҳо пайдо шуданд. Пешопеш ҳамон гуроз меомад. Баробари 20-30 қадам мондан аз ҷои дароз кашидаи Қодир оташаке ҷаҳиду сипас гумбуроси даҳшатноке даштро фаро гирифт. Хукҳо овози аҷоибе бароварда ба қафо гурехтанд. Гуроз бошад, халтаи овози худро кушода, дар ҷояш чарх мезад. Қодир аз ҷояш хеста ларзон-ларзон ба хукҳо менигарист. Хуки гурози ярадоршуда баногоҳ Қодирро дид. Ӯ сарашро рост карда хурросзанон ба сӯи Қодир давид. Қодир аз тарс дод зада, милтиқро партофту тирдонҳои пур аз тир дар миён ба тарафи мо тохт. Вай зуд ба назди каппа расиду бо нардбон ба боло, ба пеши мо баромад.

Нардбонро гирифтем. Хуки ба хашм омада башаст худро ба пояи каппа мезад. Каппа меларзид. Чор пояи каппа ҳар бор, ки ба бадани хук бармехурд, чун киштии

дар байни тӯфон монда аз як сӯ ба сӯи дигар алвонҷ мехӯрд. Пояҳо ана-мана нагуфа, бояд мешикастанд. Ягон илоҷ бояд кард!

Исмат-бобо зери лаб ким-чиҳо гуфта, ба гиребони куртааш суф мекард.

Баногоҳ чашми падарам ба санги 10-15 килояи суфтае афтод, ки Исмат-бобо барои тез кардани кордҳо оварда буд. Падарам сангро бардошта ба лаби каппа омад. Хук дар ҳуҷуми навбатӣ сари худро ба пояи каппа расонда буд, ки падарам дудаста сангро баланд бардошта озод ба болои сари хук сар дод. Хук ба замин дароз кашид. Каппа аз ҷунбиш монд. Мо чор тан, чун одамони сеҳршуда, хомӯш меистодем.

## НОУМЕДӢ

Гурба чунон оҳиста қадам мегузошт, ки ҳатто халтаҳои зери пояш садо намебароварданд. Аввал ӯ дасти рост ва баъд пои чап боз дасти чапу пои росташро нарм-нарм ба замин гузошта пеш мерафт. Баъд оҳиста ду дасташро ба пеш ёзонда дароз кашид. Гӯшҳояшро сих карда каллаашро ба болои дастҳояш гузошту оҳиста-оҳиста ба ҷумбидан даромад. Чашмонаш чунон ба сайд дӯхтаву фикраш ба он банд шуда буд, ки дигар ҳама чизро фаромӯш карда буд. Думашро оҳиста-оҳиста меҷумбонид. Гурба эҳтиёткорона ду пояшро каме ба тарафи шикамаш кашиду бо тамоми қувва ба пеш ҷаҳид...

Гурба ноумедона лабони аз лаззат маҳрум шудаашро лесида, қафо гашт. Муши резинӣ чаппа шуда мехобид.



## МЕРГАН

Ман ҳама чизро рост ба чашмаш нишон гирифта, мезанам, – дар даст ғулак лоф зада мегуфт Шокир ба бачаҳои аз худаш хурдсол, ки дар атрофаш ҳалқаосо ҷамъ омада буданд. Ӯ бо ҳавобаландӣ ба бачаҳо нақл мекард, ки чӣ тавр зоғи дар парвозро ба чашмаш нишон гирифта задаасту чӣ хел чашми саги Султонамакро кӯр намудааст.

Ҳамин вақт аз ким-куҷо гунҷишкаке парида омаду дар нӯги симчӯб нишаст.

Хомӯш! – амр кард Шокир. Ӯ санги кулӯлаеро ба чарми ғулакаш гузошта, чанд қадам пеш монду баъд як чашмашро пӯшида, ба чашми дигараш гунчишкро нишон гирифт. Бачаҳо нафас набароварда гоҳ ба гунҷишку гоҳ ба Шокир менигаристанд. Лаҳзаи паридани «тир» гӯё ниҳоят тӯл мекашид. Ана, резини ғулак аз гӯш ва ҳатто аз каллаи Шокир гузашта рафт. Ҳангоми таранг шудани резин роғҳои аз гармою сармо пайдо шудаи он боз ҳам васеътар шуда, хавфи кандани онро зиёд мекард. «Шарақ» – санг ба тарафи гунҷишк неву ба сӯи дигар парида нӯги резини канда шуда рост ба чашми чапи худи Шокир бархурд. Шокир ғулакро партофта оҳу воҳкунон дудаста чашмашро дошт.

Бачаҳо аввал тарсиданд. Баъд баробар хандида гуфтанд:

– Офарин! Дар ҳақиқат ту ҳар чизро дар чашмаш мезадаӣ.

## ДӮСТӢ

Атрофи Шарифро ҳамсинфонаш чун ҳалқа печонида аз найрангбозии ӯ завқ мебурданд. Шариф бо хоҳиши ҷӯраҳояш такрор ба такрор 50-дирамаи тангагиро намоишкорона бо ҳар ду дасташ соиш дода – соиш дода, баъд якбора муштҳояшро мекушод.

Бачаҳо кафи дасту байни ангуштон ва гиребонашро аз

назар мегузарониданд, аммо танга аз ҳеҷ куҷо дарёфт намешуд. Боз мувофиқи хоҳиши рафиқонаш вай дастонашро ба пеш ёзонда андаке меафшонд. Танга дар пеши чашми ҳамсинфонаш афтода, ялаққос мезад. Ҳайрати бачаҳо меафзуд. Ҳар кадоми он мехост, ки ин найрангро ёд гираду дигаронро дар ҳайрат гузорад.

– Шариф, – гуфт сардори синф Қобил, – биё, ин ҳилаатро ба мо ҳам ёд деҳ. Охир мо дар як синф мехонем-ку?! Бо ҳам дӯсту рафиқем.

– Наметавонам, ин сирри махфист, – бо ғурур ҷавоб дод Шариф. – Чӣ қадаре, ки хоҳед, ман ин корро такрор мекунам. Шумо, ки дуруст нигоҳ накунед, худатон гунаҳкор.

Бачаҳо аз ин суханони ҳавобаландонаи ҳамсинфи худ ба ғазаб омада, чӣ ҷавоб доданашонро намедонистанд. Ба ҳар ҳол, бо умеди фаҳмидани сирри ин найранг як бори дигар ба ҳаракатҳои Шариф чашм дӯхтанӣ шуданд. Ана, Шариф тангаро дар байни кафҳои дасташ соиш дод. Баъд он нопадид гашт. Сонӣ дастонашро ба пеш ёзонда афшонд.

Аҷабо?! Танга бори дуюм пайдо нашуд. Шариф дар ҳолати ногувор монд. Дастонашро сахт-сахт алвонҷ медод. Ба зери пояш, гирду атрофаш чашм медӯхт. Бачаҳо низ гирду пеши атрофи худро аз назар мегузарониданд. Аммо танга дар ҳеҷ куҷо ба чашм намерасид. Вай костюмашро аз тан кашида, остинҳои холии онро тафтиш кард. Қабатҳои ба боло таҳ намудаи остинҳои куртаашро ҳам аз назар гузаронд. Ҳайҳот! Дар ҳеҷ куҷо аз танга нишоне пайдо нашуд. Шариф як лаҳза ба изтироб афтод. Лабҳояш пир-пир ба паридан даромаданд. Чашмонаш пуроб шуданд. Қариб монда буд, ки гиря кунад.

Пеши дидагонаш танаффуси дарозмуддат намоён гашт. Ҳар кас аз остонаи мактаб чизи дилхоҳашро харида мехураду вай бошад, лаб мелесад. Ӯ ҳанӯз ба худ наомада буд, ки Қобил ба кафи дасташ якто панҷ-дирама, Шодмон

даҳ-дирама, Фотима бист-дирама, Садбаргу Фарҳод бошанд, боз яктогӣ панҷ-дирамаро гузоштанд. Тангаҳо маблағи гумкардаи Шарифро ташкил менамуданд. Шариф хиҷолат кашид. Бо вуҷуди ҳамаи ин дар ҳастии ӯ як ҳиссиёти аҷибе нисбат ба рафиқонаш пайдо шуд. Ин ҳиссиёт дӯстии аҷоиби ахтаракони синф – ҳамсинфони ӯ буд.

## ДИЛИ ГУЛ

Рӯзи якшанбе ба деҳаи ҳамсоя, ба хонаи холаам равон шудам. Ҳангоми аз болои теппаҳои махмалину гулпӯш роҳ паймудан ба Раҳим-амак расида гирифтам. Якҷоя роҳро давом додем. Сӯҳбатамон дар атрофи табиату мӯъҷизаҳои он буд.

Табиатро дӯст доштан лозим, – гуфт Раҳим-амак. – Табиат бо тамоми мавҷудоти ҷондору беҷон, бо гулу хорҳояш табиат аст. Дар Тоҷикистони мо навъҳои нодиртарини гиёҳҳо ёфт мешаванд.

– Рост, амак, – гуфтам ман. – Агар дар баҳорон ҳафтае як бор ба тамошои кӯҳ набароям, худамро ким-чӣ хел бемор ҳис мекунам.

Аз тарафи муқобил як гурӯҳ бачаҳои халтабадасту кӯлворбапушт намоён шуданд. Ҳар кадомашон дар даст аз гули сияҳгӯш гулдастае доштанд. Ба мо наздик омада, салом дода гузашта рафтанӣ шуданд, ки Раҳим-амак бачаҳоро боздошт. Чеҳраи амак ҷиддӣ буд. Ман чизеро пай набурда, ҳайрон шуда, гоҳ ба амаку гоҳ ба бачаҳо нигариста, хомӯш мондам.

Амак дастаи гули яке аз бачаҳоро гирифта гуфт:

– Дидед, шумо чӣ кор кардед? Магар бо табиат чунин муомила мекунанд? Хайр, худашро кандед, майлаш, лекин чаро решаашро кофта гирифтед? Охир шумо дили онҳоро

кандед. Шумо бо ин кору рафторатон гулҳоро тамоман нест мекунед.

Бачаҳо чизе нагуфтанд. Ғазаби Раҳим-амак онҳоро тарсонда буд. Хомӯшии онҳо амакро андаке ором кард.

– Ин гулҳоро аз бари шахи калон чидед? – пурсид амак аз бачаҳо.

– Ҳа, – беҷуръатона ҷавоб дод яке аз бачаҳо.

– Ин навъи гули сияҳгӯш танҳо дар ҳамон ҷо боқӣ мондааст, дар дигар ҷойҳои кӯҳ бечораро шумо баринҳо бо решааш кофта нест кардаанд.

– Мебахшед, амакҷон, гуноҳамонро фаҳмидем, – ҷавоб дод ҳамон бача. – Акнун дар он ҷо дигар гули сияҳгӯш намебарояд?

– Ҳоло ҳам илоҷи нобуд нашуданаш ҳаст.

– Чӣ тавр? – саросемавор пурсиданд бачаҳо.

– Бо корд решаи гулҳоро аз танашон бурида гиреду дар ҷои аввалааш ба замин гӯр кунед. Соли оянда дар он ҷо гулҳои зиёде мерӯянд.

Бачаҳо итоаткорона қафо гашта аз паи супориш шуданд. Раҳим-амак ҳам хотирҷамъ шуд. Мо ба роҳ даромада сӯҳбатамонро давом додем.

– Қонунҳои табиатро донистан лозим, писарам, – гуфт амак, – вагарна мӯъҷизаҳои дар тӯли асрҳо ба вуҷуд овардаи онро дар як баҳор абадӣ нест кардан мумкин аст.

## ҲИКМАТИ НИШОНҲО

Шараф-бобо болои баҳсу мунозираи набераҳояш омад.

– Бин, бобоям чӣ қадар ордени бисёр доранд, – ба костюми дар либосовезак овехтаи бобояш ишора карда, мегуфт Манзура.

– Чӣ, ту ҳам ҳамин хел ордендор шудан мехоҳӣ? – рӯй турш кард Илҳом.

– Албатта, мехоҳам.

– Аммо, ман намехоҳам.

– Чаро?

– Ман ҳеҷ вақт розӣ намешавам, ки касеро кушаму бар ивазаш ба ман ордену медал диҳанд. Нишонаҳои меҳнатӣ гапи дигар.

Манзура ғурунгосзанон чизе гуфту хомӯш монд. Аз ваҷоҳаташ маълум шуда меистод, ки вай ба фикри Илҳом розӣ нест, аммо чӣ тавр баён кардани фикри худро низ намедонист.

Бобо ба баҳс шарик шуд:

– Аз як тараф, ман ба фикри Илҳом розӣ ҳастам, аз тарафи дигар не, – гуфт ӯ табассумкунон. – Ман ҳам ҳеҷ вақт дидани ҷангу соҳиби орденҳои ҷангӣ шуданро орзу накарда будам. Аммо душмани лаин ба ватани мо ҳуҷум кард. Бадкирдориҳои онҳоро аз кинофилмҳо, филмҳои ҳуҷҷатӣ, китобҳо ва шоҳидони барҳаёт борҳо дида ва шунидаед. Ҷонбозию фидокории одамони собиқ шӯравиро низ медонед. Онҳо барои аз душман озод кардани ҳар як ваҷаб хоки Ватан қаҳрамониҳо нишон доданд. Ана, чунин қаҳрамониҳо бо ордену медалҳо қадр карда мешуданд. Шумо асло ҷангро набинеду соҳиби чунин ордену медалҳо ҳам нашавед. Бигзор, сари синаи шуморо нишону орденҳои меҳнатӣ оро диҳанд!

## ҶАРОҲАТИ НОДОНӢ

Аз рӯи одат Сӯҳробу Толиб дар хамгашти кӯча вохӯрда, сӯи мактаб раҳсипор шуданд.

Табъи Сӯҳроб хира. Дирӯз вай ба футболбозӣ овора шуда, тайёр кардани вазифаи хонагиро фаромӯш кард. Толиб аз ин ҳолати ҷӯрааш огоҳ шуда, дасти росташро ба

пешонааш расонду сонияе пас хурсандона ба кифти Сӯҳроб тап-тап зада гуфт:

– Парво накун, илоҷашро меёбем.

Сӯҳроб ба ҳамсинфони худ вохурда фақат бо имою ишорат ҳолпурсӣ намуд. Ҳампарта ва дӯсташ Толиб ба ҳама эълон кард, ки дар нӯги забони Сӯҳроб ҷароҳате пайдо шудасту вай маҷоли гап задан надорад. Баъзе ҳамсинфон дилсӯзона маслиҳат медоданд, ки ба табиб муроҷиат кунад, аммо боз Толиб ба ҷои Сӯҳроб ба бачаҳо фаҳмонд, ки ҷароҳат он қадар ҷиддӣ нест ва то пагоҳ мумкин дуруст шавад.

Се соати дарс гузашт. Хушбахтона, ягон муаллим аз Сӯҳроб дарсро напурсид. Дар дарси чорум муаллими адабиёт Сӯҳробро ба назди тахтаи синф даъват намуд. Муаллим ғайр аз ишорат ва «хм», «хум» ҷавобе нашунид. Толиб ба тафсил ҳодисаро ба муаллим фаҳмонд. Набизода ба чеҳраи Сӯҳроб бодиққат назар карда пурсид:

– Ҷароҳати забонат ҳамин пагоҳ пайдо шуд?

– «Хм» – лабонашро аз ҳам ҷудо накарда бо димоғаш ҷавоб дод Сӯҳроб.

– Гӯш кун, Сӯҳроб, – боз диққати ӯро ба худ кашид муаллим, – рӯзи гузашта забонат чӣ хел буд?

– Нағз буд, муаллим, – беихтиёр ҷавоб дод Сӯҳроб.

Баробари аз даҳон баромадани ин сухан Сӯҳроб худ як лаҳза ҳайрон ва баъд шах шуда монд. Баъзе хонандагон хандиданд. Баъзеашон бо тамасхур ба Толиб чашм дӯхтанд.

Толиб бошад, ҷои пинҳоншавӣ меҷусту намеёфт.

– Дар ҳақиқат, ҷароҳати зобонат зӯр будааст. Пеши онро гирифтан лозим, то ки ба дигар бачаҳо сироят накунад, – гуфт муаллим ва дар муқобили номи Сӯҳроб баҳои ду гузошт.

## МЕҲРИ МОДАР

Чун ҳарвақта китобе дар даст ба боғ, ба таги зардолу омадам. Чирроси якзайли гунҷишкони зиёд диққати маро ба худ ҷалб кард. Ҳамин вақт чашмам ба майнае афтид, ки аз назди лонаи гунҷишк ба ҳаво хест. Дар нӯли ӯ гунҷишкбачаи нав аз тухм баромадае буд.

Ҳайрон шуда ба ҷои аввала омада, ба китобхонӣ сар карда будам, ки боз овози гунҷишкон баланд шуд. Оҳиста ба дарахт наздик шудам. Дуртар аз лонаи ҳамон гунҷишкак майнаи дигаре менишаст. Ба доду фарёди паррандачаҳо ӯ гоҳ-гоҳ ғиж-ғижкунон ҷавоб медоду халос. Ҳар замон кӯшиш мекард, ки ба лаби лонаи гунҷишкак нишинад, аммо ба ҳуҷуми онҳо тоқат накарда боз ба ҷои пештарааш рафта менишаст. Аз байн соате гузашт. Дар назди лона фақат ду гунҷишкак монду халос. Ана онҳо боз ду ҳамлаи майнаро гардониданд. Ба фикрам онҳо хеле монда шуданд, чунки даҳонашонро калон кушода, базӯр нафас мекашиданд. Яке аз онҳо ба лона даромада, бо нӯлаш гунҷишкеро кашола карда ба замин ҳаво дод. Боз ду гунҷишкчаи дигар ба замин афтиданд.

Ман ба худ омада майнаро аз шохи дарахт рондам. Дар таги дарахт, рӯи ғарами беда гунҷишкакони луб-лучак нӯлҳояшонро бесадо кушодаю пӯшида, ҳаракати хестан мекарданд. Ҳамаашон, хушбахтона, зинда буданд. Онҳоро эҳтиёткорона ба лонаашон гузоштам. Бегоҳӣ ин воқеаро ба падарам нақл кардам.

– Чи паррандаю дарранда ва чи одамон фарзандони худро чун ҷон азиз медонанд. Гунҷишкон то тавонистанд, барои наҷоти бачаҳои худ бо душман мубориза бурданд. Чун фаҳмиданд, ки зӯрашон ба душман намерасаду баъди чанде бачаҳояшон дар пеши чашмонашон қурбон мешаванд, онҳоро ба замин партофтанд. Онҳо аз афташ қарор доданд, ки бигузор, бачаҳояшон ба замин афтида

несту нобуд шаванд, аммо асир шуда дар пеши чашм хуроки душман нагарданд, – гуфтанд падарам.

Ман қарор додам, ки то ба воя расиданашон гунҷишкбачаҳоро посбонӣ мекунам. Акнун ҷои истироҳат ва китобхониам таги дарахти зардолу, зери лонаи гунҷишкон аст.

## ПУШАЙМОНӢ

Каромат одамонро тела дода аз ҳама пеш вориди автобус шуд. Вай аз гӯшаи сумкаи бедастаи худ дошта бошитоб ба яке аз курсиҳо рафта нишаст. Барои он, ки аз ҳама пеш ба автобус даромад, хурсандӣ мекард.

Ногоҳ чашмаш ба навиштаҳои пушти курсии пешаш афтид. Ӯ калимаҳои каҷукилеби «Ҷамол», «Миша», «З+К», «Рембо», «Камол», «Ф+Х=ошиқ»-ро хонд.

Дар дилаш майле пайдо шуд, ки ӯ ҳам номи худро дар қатори онҳо сабт намояд. Дарҳол аз киса мехчаеро, ки аз дарси таълими меҳнат гирифта буд, ба даст гирифт. Аз таъсири мехча ранги сафеди пушти такягоҳи хараки автобус ба чор тараф пош хӯрда, калимаи сиёҳи «Каромат» пайдо шуд.

Ӯ гарданашро ёзонда ба қафо нигарист. Чашмонаш ба чашмони маломатомези пирамарде, ки дар хараки қафои ӯ менишаст, бархурд. Вай як лаҳза чӣ кор карданашро надониста, даст ба болои навиштаҳо гузошт. Навиштаҳоро паноҳ ё пок карданӣ буд, аммо ин номумкин буд.

Пирамард бо ду дасташ ба пуштмонаки нишастгоҳи ӯ такя карда, оҳиста дар назди гӯшаш, ки танҳо барои вай шунаво буд, гуфт:

– Ту номи худро машҳур не, мурдор кардӣ. Ҳайфи ту! Ту бо дасти худ номатро дар қатори пасттарин бачаҳо навиштӣ. Магар номро чунин машҳур мегардонанд?

Каромат дар истгоҳи навбатӣ, то хона нарасида, аз автобус фаромад. Табъаш хира шуда буд. Суханони заҳромези пирамард гӯё чун сӯзан ба тани ӯ мехалиданду чашмони тамасхуромезаш таъқибаш мекарданд.

Вай бо сари хам, ғарқи хаёл, қадам мезад. Акнун фаҳмида буд, ки номи худро бо дасти худ дар қатори чӣ гуна одамон ва дар куҷо навиштааст. Сахт пушаймон буд Каромат.

## ЁРӢ

Ҳасанҷон дар лаби ҷар, ки аз қаъри он оби шӯхи дарёча шилдиросзанон ҷорӣ буд, пойкашолак менишаст. Ҳар замон аз китоби ғафси дар пешаш буда саҳифаеро ҷудо карда, аз он тайёра месохт. Вай ба тайёраҳои коғазини худ диққат карда, аз парвози онҳо завқ мебурд. Ҳамин вақт дар болои сараш сояи касе пайдо шуд.

– Салом, Ҳасанчон!

Ҳасанҷон овози ҳамсояашон – Ҷамиларо шинохт. Вай рӯяшро ба саломдиҳанда нагардонда ғурунгосазон ҷавоби салом дод.

– Тайёраҳоят хеле зебо парвоз мекунанд.

Аз ин таърифи ногаҳонии Ҷамила Ҳасанҷон хеле ҳам хурсанд шуд.

– Мехоҳӣ, тайёраҳои овоздори парвозкунанда дошта бошӣ? – пурсид Ҷамила.

– Мехоҳаму аммо он хелашро сохта наметавонам, – муғамбирона ҷавоб дод Ҳасанҷон.

– Сохтани тайёраҳои ҳархела дар ана ҳамин китоб нишон дода шудааст.

Ҳасанҷон як ба китоби варақканда ва баъд нобоварона ба Ҷамила нигарист.

Духтарак китобро ба даст гирифта, саҳифаеро кушод. Дар он модели тайёраҳои гуногун тасвир ёфта буданд.

– Ту метавонӣ ҳар кадоми ин тайёраҳоро худат созӣ, ба он шарте, ки ба маҳфили авиамоделчиёни мактабамон аъзо шуда, аз ёрии роҳбари маҳфил истифода барӣ. Ё ин, ки...

Гапи Ҷамила дар даҳонаш монд. Ҳасанҷон, ки аз сӯҳбат ва маслиҳатҳои Ҷамила хеле ҳам ба шавқ омада буд, аз якбора хомӯш мондани ӯ безобита шуда, саволомез ба чеҳрааш нигарист.

– Афсӯс, – баъди андаке боз ба гап даромад Ҷамила. – Афсӯс, ки ана ин саҳифаҳоро дарондаӣ. Бе ин саҳифаҳо сохтани тайёра номумкин аст.

– Наход, ки бе ин саҳифаҳо тайёра сохта нашавад-а? – ба изтироб омада гуфт Ҳасанҷон, ки дилаш лабрези ҳаваси сохтани тайёра шуда буд.

Ҷамила бо ишораи «мумкин нест» сар ҷунбонд.

Баъди андаке хомӯшӣ Ҳасанҷон якбора фарёд зад:

– Ин тавр бошад, ҳозир рафта ҳамаи варақҳоро аз таги ҷар меғундорам.

– Ман дар ҷобаҷою шиpeш намудани варақҳои китоб ба ту ёрӣ мерасонам, – хурсанд шуда гуфт Ҷамила.

## МУНДАРИҶА


Мири эҳсон ........................................... 3

**Шеърҳо**

Очаю очакалон ........................................... 4
Биё, об нӯш ........................................... 4
Ҷаҳонам Данғара ........................................... 5
Обаки Тоҳир ........................................... 5
Фахрам ба модари хеш ........................................... 5
Телефони дастӣ ........................................... 8
Занбӯри асал ........................................... 8
Ҳисоби бозӣ ........................................... 10
Обаки Тоҳири ман ........................................... 10
Чархресак ........................................... 12
Афтидам ба пушт ........................................... 12
Сӯзанак ........................................... 14
Ҳама номи нав гирифт ........................................... 14
Аз хунукӣ метарсад........................................... 15
Моли рав ........................................... 15
Бобои барфӣ ........................................... 16
Чӣ чора созам ........................................... 18
Дорбоз омад ........................................... 18
Мақсади бозорравӣ ........................................... 19
Дунёи бачаҳо ........................................... 19
Ҳайронӣ ........................................... 21
Аз китоби Алифбо ........................................... 22
Боғи бобо ........................................... 22

**Ҳикояҳо**

Таъбири пасванди «ча» ........................................... 24
Ҳуҷуми шабона ........................................... 25
Ноумедӣ ........................................... 27
Мерган ........................................... 29
Дӯстӣ ........................................... 29
Дили гул ........................................... 31
Ҳикмати нишонҳо ........................................... 32
Ҷароҳати нодонӣ ........................................... 33
Меҳри модар ........................................... 35
Пушаймонӣ ........................................... 36
Ёрӣ........................................... 37

Маҷмӯа бо тамғаи нашриёти «Адиб» ба табъ расид.

**Субҳон Ҳабубулло**

**ДИЛИ ГУЛ**
**(шеърҳо ва ҳикояҳо)**

Мусаввир *Ҷомӣ Камол*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М.Саидова*

Ба матбаа 16.04.2010 супурда шуд.
Чопаш 19.04.2010 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 2,5. Андозаи 60x84 1/16.
Адади нашр 1000 нусха.

Дар чопхонаи «Мир издателей» ба табъ расидааст.
ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17, гузаргоҳи 1.